# СУРАТҶАЛАСАИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 19 декабри соли 2020 № 23** **ш. Душанбе**

Диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ» (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, тақризи роҳбари илмӣ – д.и.и., дотсент Низомов С.Ф.; тақризи муассисаи тақриздиҳанда – кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд; тақриз ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисод, профессор, Шарифов З.Р. ва номзади илмҳои иқтисод, дотсент, Каримов Б.Ҳ.; баромади мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда, дотсент Шобеков М., дотсент Содиқов С.И., н.и.и. Ҳайдаров А.Ҷ, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршудаи диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ» (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ, тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.
3. Ба Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Бобоев Шарафҷон Ниёзмадовичро бо дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳиш

мекунам овоз диҳед. Муқобил? – нест. Бетараф? – нест. Якдилона қабул гардид.

Раисикунанда: Муҳтарам аъзоёни Шӯро оид ба рафти баргузории ҷаласа эродҳо ва фикру пешниҳодҳо бошанд марҳамат пешниҳод намоед.

Раисикунанда: иҷозат диҳед докторантро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намуда ба ҳамаи аъзои Шӯрои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори миннатдорӣ намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раисикунандаи ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **А.К. Қурбонов**

**Котиби илмии Шӯро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.С. Мирзоев**

**19.12.2020**